Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

**ТАҚРИЗИ**

**ба автореферати диссертатсияи Иноятзода Афрӯза Ислом дар мавзуи «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ**

Иноятзода Афрӯза Ислом таҳқиқоти илмиро дар мавзуи «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия» ба анҷом расонидааст, ки яке аз масъалаҳои мубрам ва марказии мурофиаи ҷиноятӣ мебошад. Пеш аз ҳама баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ марҳилаи марказии мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта дар баробари ин ҳаст маҷмуи масъалаҳое, ки ҳалли онҳо баррасии судиро талаб менамояд, ки ин гуна масъалаҳо мумкин аст дар марҳилаҳои тосудӣ ба миён оянд. Ҳангоме сухан дар бораи баррасии судӣ меравад, дар назар дошта мешавад маҷлиси судӣ, ки муҳокимаи ҳамагуна масъалаҳо бояд бо риояи принсипҳо ва шарти баргузории он, бо иштироки тарафҳо сурат гирад. Зимнан, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ муҳим ва зарурӣ арзёбӣ мегардад.

Муаллиф дар таҳқиқот ҳуқуқи ҳар як шахс ба ҳимоя ва дастрасӣ ба адолати судӣ, принсипи мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, ошкоро баргузор шудани муҳокимаи судӣ, кафолатҳои мурофиавӣ ва масъалаи танзими ҳуқуқӣ ва амалисозии воқеии кафолатҳои мурофиавии ҷиноятӣ нисбат ба айбдоршаванда ва судшаванда, таъриф ва татбиқи истилоҳи «мурофиаи ғоибона» дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ мавриди таҳлил қарор дода, инчунин зарурати баррасии парвандаи ҷиноятиро

танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ бе иштироки судшаванда нишоҭ медиҳад. Воқеан ҳам, дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ ва амалияи он, масъалаҳои баҳсноке ҷой доранд, ки ҳалли онҳо зарурати таҳқиқоти илмии мазкурро ҳамчун мавзуи марказии назария ва амалияи мурофиаи ҷиноятӣ ба миён овардааст. Бинобар ин, интихоби мавзуъ ва пайдарҳамии мантиқии таҳқиқоти масъалаҳои марбут ба иштироки айбдоршаванда ва судшаванда дар баррасии судии масъалаҳои мурофиавӣ мутобиқ ба ҳадафи таҳқиқот мебошад, ки натиҷаҳои он метавонанд ба такмили меъёрҳои мурофиавӣ ва амалияи тафтишотию судӣ мусоидат намояд.

Назаррас он аст, ки муаллиф дар доираи таҳқиқот ба шарҳи моҳият ва мазмуни меърёҳои ҳуқуқии мурофиавии ҷиноятӣ, ки тартиби мурофиавии баррасии масъалҳои мурофиаиро дар марҳилаҳои тосудӣ ва судӣ бо иштироки айбдоршаванда ва судшаванда пешбинӣ мекунанд, диққати махсус дода, нуқтаи назари олимон, ҳуқуқшиносони ватанӣ ва хориҷиро оид ба масъала, бо назардошти амалияи тафтишотию судӣ мавриди муҳокима ва таҳлили ҳуқуқӣ қарор додааст ва ба натиҷаҳои назаррас ноил шудааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки «Таълимот ва андешаҳои пешқадами мутафаккирони форсу тоҷик дар бораи тантанаи адолати иҷтимоӣ, ошкоро ва шаффоф дар ҳузури тарафҳо баргузор шудани мурофиаи судӣ санҷишҳои гуногуни таърихиро гузашта, ҳамчун таҷрибаи нодири танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ба мо омада расидааст. Онҳо ҳамчун дастовардҳои миллӣ аҳаммияти ҳуқуқӣ, маънавӣ ва фарҳангии худро гум накардаанд. Имрӯз онҳо заминаи боэътимоди маънавии қонунгузории муосири миллӣ дар соҳаи рушди адолати судӣ буда, албатта, мувофиқ ба талаботи замони мо, асосҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа мазмуну арзиши нав пайдо кардаанд». Ин маънои онро дорад, ки институти мурофиаи ғоибона дар мурофиаи ҷиноятӣ як қоидаи истисно буда, он дар ҳама ҳолат татбиқ карда намешавад. Чунки тибқи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мурофиа ба тарзи

мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо сурат мегирад ва иштирок надоштани яке аз тарафҳо татбиқи ин принсипро истисно мекунад, яъне риоя нагардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд, халалдор мешавад.

Таҳқиқоти суратгирифта аз ҷониби Иноятзода Афрӯза Ислом доир ба мавзуи «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия» пажуҳиши нахустин дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ буда, ҷиҳати такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ таъмин ва риояи принсипҳои конститутсионӣ, таҳкими амалияи судӣ бо мақсади амалишавии кафолатҳои конститутсионӣ пешниҳодҳои илмии мушаххаси унвоҷӯ нишон дода мешавад.

Аз таҳлили автореферат ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Зимнан, автореферати диссертатсия ҳамаи талаботи ҷойдоштаро дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст. Дар сурати дар рисола мавриди таҳлил қарор дода шудани амалишавии кадоме аз шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ аз иштироки бевоситаи судшаванда вобастагӣ дорад, мазмуни рисоларо ғанӣ мекард.

Лекин ин пешниҳод хусусияти тавсиявӣ дошта, ягон андоза хулосаҳои муаллифро коҳиш намедиҳад. Бо назардошти гуфтаҳои боло метавон бо эътимоди комил иброз намуд, ки мавзуи рисола ва натиҷаҳои таҳқиқот аҳаммияти муҳимми илмӣ ва амалиро доро мебошад.

Дар баробари ин, дар рисолаи илмӣ баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ ба монанди таҳлили теъдоди маҳдуди мисолҳо аз амалияи судӣ ба назар мерасанд, ки онҳо сифати таҳқиқоти диссертатсиониро паст намекунанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Иноятзода Афрӯза Ислом ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия» қобилияти баланди илмӣ ва эҷодкорӣ нишон додааст.

Автореферати диссертатсия ва дастгоҳи илмии таҳқиқот ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба талаботи бандҳои 31, 32, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд ва муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.09 - Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда:

Мудири шуъбаи масоили назариявии давлат
ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А.Баҳоваддинови Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои
ҳуқуқишиносӣ, профессор. Бобоҷонзода И.Ҳ.

Имзои Бобоҷонзода И.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:
Нозири калони шуъбаи кадрҳои Институти
фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баҳоваддинови Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон Абдураҳмонзода Б.А.

Суроға:
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
Тел.: (+992 93) 510-77-11, (+992 90) 789-11-70
Email: bobojonov_i@mail.ru

28.03.2025